**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ба номи САДРИДДИН АЙНӢ**

**Раҳмонов А.А., Самиев Б.Ҷ., Сулаймонов И.О.**

# ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ

## Оид ба таҳия ва омода кардани рисолаи хатм (рисоли магистрӣ, рисолаи дипломӣ) дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои зинаҳои бакалавриат, магистратура ва мутахассис

**Душанбе – 2013**

Бо Қарори №__аз ____соли 2013
Шӯрои илмӣ- методии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
ба нашр тавсия шудааст.

**Мураттибон:** доктори илми филология, академик- Раҳмонов А.А., доктори илми фалсафа, профессор - Самиев Б.Ҷ., муаллими калони кафедари забони тоҷикӣ- Сулаймонов И.О.

Тавсияҳои методӣ оид ба таҳияи рисолаи хатм (рисолаи магистрӣ, рисолаи дипломӣ) барои зинаҳои бакалавриат, магистратура ва мутахассис ҷанбаи илмию методологӣ дошта, ба омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ ва донишҷӯёни курсҳои болоии донишгоҳу донишкадаҳо ва хатмкунандагони коллеҷҳо ҳамчун дастур пешбинӣ шуда, дар он оид ба усули дурусти таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ҳамчун раҳнамо пешниҳод мешавад.

Дастури мазкур аз маҷмӯи талаботе иборат мебошад, ки барои таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) заруранд. Бори нахуст эҳтиёҷмандон маълумотҳои комплексиро оид ба тартиби таҳия ва омода кардани рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ), инчунин техникаи нигоришу ороиши кори илмӣ- тадқиқотӣ ба даст оварда, аз истифодаи методҳои илмӣ, методӣ, илмӣ – тадқиқотӣ воқиф мегарданд. Ҳамчунин оид ба тарзи иктибосгирӣ ва иқтибосоварӣ тасаввурот пайдо карда, сохтор ва тартиби таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) –ро меомӯзанд, роҳҳо ва тарзи дифои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) - ро зимни омӯзиши ин тавсияҳои методӣ пайдо намуда, доир ба ҳалли масъалаҳои банақшагирӣ, сохтор ва қолаби илмии рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) маълумот мегиранд.

**Муқарриз:** доктори илми химия, профессор Бандаев С.Г.

# Муқаддима

Рисолаи хатм (рисолаи магистрӣ, рисолаи дипломӣ) дар зинаҳои бакалавриатура, магистратура ва мутахассис шакли олии фаъолияти илмӣ- тадқиқотӣ ва таълимию методии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳисоб меравад. Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)- дастоварди муҳими илмие мебошад, ки дар он тамоми дониши назариявию амалӣ, малакаҳои омӯзиши манбаъҳо, таҳлилу тасниф, қиёсу муқобилгузорӣ, тасдиқу инкор ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф нисбат ба мавзӯи пажӯҳиш инъикос меёбад. Сифати иҷрои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) аён мегардонад, ки хатмкунандаи Донишгоҳи омӯзгорӣ салоҳиятҳои касбӣ ва фарҳангиро то кадом андоза соҳиб шудааст. Сифати рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) инчунин шахсияти ҳарҷониба рушдёфтаро, ки ӯ қобилияти мустақилона фикр рондан, бошуурона пажӯҳиш бурдан ва ба қалам ифода кардани маҳсули донишҳои назариявӣ, таҷрибаю озмоишҳоро роҷеъ ба масъалаю мушкилоти мушаххас молик мебошад, муайян менамояд. Ин шакли фаъолияти илмӣ- тадқиқотии донишҷӯ сифатҳои ҳатмии ҷамъбасти натиҷаҳо, таҳлили далелҳо ва мушоҳидаҳои махсусро дар худ таҷассум менамояд.

Аҳамияти илмию таълимӣ ва методии рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) дар «Низомнома оид ба рисолаҳои тахассусии хатм дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», ки бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ №4, аз 24.04.2013 тасдиқ шудааст, таъкид гардидааст, ки «Иҷрою ҳимояи рисолаҳои тахассусии хатм марҳалаи хотимавии таҳсил ва намуди ҳатмии аттестасияи ҷамъбастии хатмкунандагони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ маҳсуб ёфта, таҳким бахшидану муназам сохтан ва тавсеаи донишҳои амалӣ дар соҳаи касби пешгирифта, рушди малакаҳои кори мустақилона ва истифодаи методҳои тадқиқ, муайян намудани дараҷаи омодагии хатмкунандагон ба фаъолияти мустақилона дар соҳаи касби интихобкардаашонро фаро мегирад».

«Рисолаи тахассусии хатм дар шаклҳои зерин мувофиқ ба дараҷаи дахлдори таҳсилоти олии касбӣ анҷом дода мешавад:

- барои тахассуси (дараҷаи) бакалавр дар шакли рисолаи бакалаврӣ;
- барои тахассуси (дараҷаи ) мутахассис дар шакли рисолаи дипломӣ;
- барои тахассуси (дараҷаи) магистр дар шакли рисолаи магистрӣ».

Барои хатмкунандагони зинаҳои бакалавриат, мутахассис ва магистратураи Донишгоҳ вобаста ба дараҷа ва зинаҳои таҳсилот навиштани рисолаи бакалаврӣ, дипломӣ ва магистрӣ зарур мебошад.

Дар аттестатсияи ниҳоии ҷамъбастии ихтисосҳои Донишгоҳ рисолаи хатм, кори дипломӣ ва рисолаи магистрӣ рукни муҳими натиҷагирӣ мебошад.

## 1.Талаботи методологӣ ва аснодию меъёрӣ доир ба таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

Дифои муваффақонаи рисола ва сифати иҷрои он тақдири минбаъдаи таҳсили муаллифро дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилоти бисёрзинагӣ: мутахассис - магистратура – аспирантура- докторантура (PhD) муайян мегардонад. Донишҷӯи хатмкунанда то расидан ба марҳалаи навиштани рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) як қатор корҳои илмии нисбатан содатарро, амсоли таҳия ва муаррифии эссе, реферат, маърӯзаи илмӣ, корҳои курсӣ аз фанҳои тахассусӣ ба анҷом мерасонад, ки онҳо барои навиштани рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ҳамчун воситаи таҳкими малака ва қобилияти таҳқиқ барои рисоланавис хизмат менамояд.

Навиштан ва дифои маводҳои таълимии хаттӣ (монанди эссе, реферат, кори курсӣ, маърӯзаи илмӣ ва дигар маводи хаттӣ) имкон медиҳад, ки донишҷӯ зинаҳои аввали таҳқиқ кардан, хулосаи фардӣ бароварданро тай намуда, қобилияти навиштории худро афзоиш дода, аз дараҷаи таҳияи иншо ба сатҳи таълифи хулосаҳо ва мушоҳидаҳои содаи илмӣ гузашта, давра ба давра қобилияти тасниф кардан, фикр рондан, ҷумла тартиб додан, муҳокима рондан ва ба танзим даровардани тафаккури илмӣ соҳиб гардад. Зинаҳои аввала асосӣ ва зинаи дувум таҳияи рисолаи хатм мебошад. Агар устод дар зеҳни донишҷӯ қобилияти навиштани талаботи аввалини корҳои хаттии илмиро ҷой карда натавонад ва ё ӯро ба ин амал роҳнамоӣ насозад, дар натиҷа вай имкони таҳия кардани рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) –ро мустақилона пайдо карда наметавонад.

Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ҷиҳати ба низом даровардан, такмилу ривоҷ додани донишҳои таҷрибавӣ ва амалӣ аз рӯи ин ё он ихтисос ва ё касби интихобнамуда барои рисоланавис муҳим мебошад.

Дар таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ҷамъоварии мавод, таснифи мавод аз ҷиҳати мавзӯъ, хусусиятҳои умумӣ ва ё фарққунанда, муқоисаи мавод, таҳлили он ва тасдиқи мулоҳизаҳои ҷолиби муҳаққиқони дигар ва ё рад намудани нуқтаи назари беасос ва ё ғалат низ аз ҷумлаи меъёрҳои муҳим маҳсуб меёбанд.

Хусусиятҳои асосии рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) аз инҳо иборат мебошад:

- бошуурона интихоб намудани мавзӯъ ва дарки моҳияти он;
- мустақилона навиштани рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) аз тарафи донишҷӯ;
- мавқеи муаллиф ва нуқтаи назари ӯ зимни таҳлилу муқоиса ва таснифи мавод нисбат ба андешаҳои муҳаққиқони дигар;
- рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)-и иҷрошуда барои муайян намудани қобилияти муаллиф хизмат намуда, омӯзгорро зарур аст, ки ҳангоми интихоби мавзӯъ ба чунин масъалаҳои диққати махсус диҳад:

- рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) бояд аз гурӯҳи фанҳои асосии тахассусӣ навишта шавад;
- баҳодиҳӣ ба мундарича, сифат ва моҳияти кори дипломӣ бояд холисона сурат гирад;
- рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) танҳо дар соли охирини таҳсил аз як шохаи ихтисос навишта мешавад;
- ба рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) танҳо омӯзгорони соҳибунвон ва соҳибтаҷриба ҳуқуқи роҳбарӣ карданро доранд;
- меъёри таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) барои донишҷӯёни хатмкунандаи ихтисосҳои Донишгоҳ чунин аст:
- дар низоми кредитии таҳсилот ҳадди аққали холи миёнаи азхудкунии ӯ аз коэффитсенти 2,0 зиёд бошад;
- қобилияти кори илмӣ-тадқиқотӣ карданро дошта бошад;
- корҳои курсии тахассусии худро бо натиҷаи на камтар аз баҳои $B^+$ натиҷагирӣ карда бошад;
- дар низоми анъанавии таҳсил рисоланавис ба малакаҳои иншои кори илмӣ молик буда, аз аксарияти фанҳои тахассусӣ баҳоҳои «хуб» ва «аъло» дошта бошад;
- дар низоми кредитӣ мутобиқи талаботи санадҳои меъёрӣ ҳамаи хатмкунандагон бояд рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) нависанд. Бо назардошти душвориҳои гузариш Раёсати Донишгоҳ бо қарори Шӯрои олимон ба навиштани рисолаи илмӣ танҳо донишҷӯёни қобилиятнокеро, ки малакаи кори илмӣ- тадқиқотӣ карданро доранд, ҷалб менамояд. Дар ин ҷо низ аз теъдоди умумии хатмкунандагони ихтисосҳои табиӣ- риёзӣ на камтар аз 75% ва аз ихтисосҳои гуманитарӣ- ҷамъиятӣ на камтар аз 80% бояд рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) нависанд. Ба таври истисно ба донишҷӯи камқобилият, бемор, маҷрӯҳони гурӯҳи якум ва дуюм, ки рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) навишта наметавонанд, бо қарори Шӯрои олимони факултет ва Низомномаи Раёсати Донишгоҳ аз таълифи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) озод карда мешаванд ва имтиҳони хатмро тариқи шифоҳӣ ва ё тестӣ месупоранд.

Шӯрои олимони факултет бе қарори кафедраи тахассусӣ имкони озод кардан аз таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)-ро надорад.

- донишҷӯёни хатмкунандаи шӯъбаи ғоибонаи ихтисосҳои Донишгоҳ, ки бо низоми анъанавӣ таҳсил доранд, дар баробари қобилияти пешбурди кори илмӣ – тадқиқотӣ доштан ва бо баҳои «хуб» ва «аъло» таҳсил кардан метавонанд рисолаи дипломӣ навишта дифоъ намоянд.
- донишҷӯёне, ки малака ва маҳорати навиштани рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)– ро надоранд, тибқи муқаррароти Донишгоҳ аз фанҳои асосии ихтисос имтиҳони давлатӣ месупоранд.

- хатмкунандагоне, ки рисолаи хатми тахассусӣ (рисолаи дипломӣ) наменависанд, барои идомаи таҳсил ба зинаи магистратура тавсия дода намешаванд.

## 2. Мавзӯъҳои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ва талабот ба пешниҳоди онҳо

Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) тадқиқоти мустақилона ва аз лиҳози мантиқӣ анҷомёфтаи пажӯҳиши назариявию таҷрибавӣ маҳсуб меёбад. Он як бахши корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраро ташкил медиҳад.

Дар банди 48-уми «Низомнома оид ба таҳияи рисолаи тахассусии хатми бакалавриати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»- омадааст, ки: «Рисолаи тахассусии хатми бакалавр (рисолаи дипломии мутахассис) бояд ҷавобгӯи талабот ва принсипҳои мантиқнокӣ, дақиқӣ, дурустии баёни фикр, ҷобаҷогузории мавод, сохтори ягона, хулосаҳои мустақилона гуфташуда ва тавсияҳо бошад».

Ҳангоми таҳияи кори илмӣ-тадқиқотӣ кафедра бояд ба ҳамин ҷиҳати масъала бештар диққат диҳад ва ин принсипро ҷиддӣ талаб кунад. Таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) дар кафедра аз пешниҳоди мавзӯъ оғоз меёбад. Ҳар як мудири кафедра қабл аз оғози соли таҳсил барои омӯзгорони соҳибунвон, аз ҷумлаи докторон, номзадони илм ва муаллимони калоне, ки таҷрибаю собиқаи зиёди меҳнатӣ доранд, ҷиҳати пешниҳоди мавзӯъҳо дастур медиҳад. Дар мӯҳлати таъиншуда номгӯи мавзӯъҳоро аз омӯзгорон ҷамъ намуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима менамояд. Мавзӯъҳои пешниҳоднамудаи омӯзгорон бояд аз шумораи донишҷӯёни хатмкунандаи зинаи бакалавр (курси 4) , зинаи мутахассис (курси 5) ва зинаи магистратура бояд зиёд бошад. Дар ин сурат ҳар як омӯзгор бояд на камтар аз 15 номгӯи мавзӯи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) пешниҳод намояд. Мавзӯъҳо дар ҷаласаи кафедра тасдиқ шуда, ҷиҳатҳои муҳимият ва мубрамият, такрор набудан, барои ҳалли проблемаи ягон соҳа нигаронида шуданашон ба инобат гирифта мешавад. Баъдан якҷоя бо протоколи кафедра ба муҳокимаи Шӯрои олимони факултет пешниҳод шуда, баъди тасдиқ ҷиҳати иҷро ба кафедра баргардонида, барои интихоби донишҷӯён вогузор карда мешавад.

Мавзӯи рисолаҳои хатм (рисолаи дипломӣ) -ро бе тасдиқи Шӯрои олимони факултет ва бе қарори қабулшуда барои истифода тавсия додан мумкин нест.

Мавзӯъҳои рисолаҳои хатм (рисолаи дипломӣ) аз рӯи тавсиф, мазмуннокӣ, методология ва методҳои истифодашуда шартан ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

- мавзӯъҳои назариявӣ;
- мавзӯъҳои амалӣ;

- мавзӯъҳои омехта;

Мавзӯъҳои назариявӣ дар асоси истифодаи адабиёти илмӣ иҷро карда мешавад. Ҳамзамон коркард ва пажӯҳиши мавзӯъ, истифодаи маводҳои сотсиологӣ ва амалиро талаб менамояд.

Мавзӯъҳои хусусияти амалидошта, дар асоси омӯзиш, ҷамъбаст, таҳлили корҳои илмӣ-методӣ иҷро мешаванд.

Мавзӯъҳои омехта дар худ ҳам ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳам амалии тадқиқотро ифода намуда, муносибати байнифаннӣ ва комплексиро дар ҳалли предмети таҳқиқ талаб менамоянд.

Қабл аз тасдиқ намудани мавзӯъҳо дар ҷаласаи кафедра ва ҷаласаи Шӯрои олимони факултет талаботи меъёрии зерин бояд риоя шаванд:

- мавзӯи пешниҳодшуда бояд такрор набошад;
- дар ҳалли ягон паҳлӯи мушкилоти соҳа мусоидат намоянд;
- донишҷӯёнро ба пажӯҳиш ва ҷустуҷӯ водор созанд;
- барои сайқал ёфтани малакаю маҳорати илмию эҷодии донишҷӯён мусоидат намоянд;
- хусусияти инноватсионӣ дошта, ифодагари набзи замон бошанд;
- унвони мавзӯъҳо бояд кӯтоҳу мӯҷаз бошанд;
- ба як донишҷӯ ду мавзӯъ супоридан манъ аст.

Мудири кафедра мавзӯъҳои тасдиқшударо барои шиносоии донишҷӯён дар лавҳаи кафедра насб менамояд. Ба донишҷӯ ҳуқуқи озодона интихоб намудани роҳбари илмӣ ва мавзӯъ дода мешавад.

## 3. Вазифаҳои роҳбари илмӣ дар таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

Ҳамаи омӯзгорони кафедра, ки соҳиби унвон ва дараҷаи илмӣ мебошанд ва зиёда аз 5 сол дар кафедра кор карда, таҷриба ва собиқаи кофии меҳнатӣ доранд, ҳуқуқи ба рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) роҳбарӣ карданро доранд.

Миқдори тавсиявии рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) – ро мудири кафедра вобаста ба теъдоди донишҷӯён муайян мекунад. Ҳадди ақали роҳбарӣ то 3- адад ва ҳадди бештари роҳбарӣ ба рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) то 8 адад муқаррар шудааст. Теъдоди он барои омӯзгорон вобаста ба дараҷаи илмиашон дар «Низомнома оид ба рисолаҳои тахассусии хатм дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддиин Айнӣ» дарҷ ёфтааст.

Дар сурати набудани миқдори кофии омӯзгорони соҳибунвон ба таври истисно ба муаллимони калон ва ассистентоне, ки зиёда аз 5 сол собиқаи корӣ доранд ва дар шӯъбаи ғоибонаи аспирантура таҳсил менамоянд, роҳбарии 2 рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) иҷозат дода мешавад. Агар теъдоди донишҷӯёни хатмкунанда аз меъёри нишондодашуда зиёд бошад, мудири кафедра дар ин вазъият ба унвони ректори Донишгоҳ муроҷиат намуда, барои ҷалби

муаллимони ҳамкор иҷозат мегирад. Роҳбари илмӣ пас аз амалӣ гардидани фармони ректор бо донишҷӯёни рисоланавис сӯҳбати корӣ доир менамояд. Бо аризаи донишҷӯён шинос шуда, моҳияти мавзӯъҳои интихобнамудаи онҳоро мефаҳмонад.

**Роҳбари илмӣ вазифадор аст:**

- моҳияти мавзӯи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)- ро ба донишҷӯён фаҳмонад;

- дар таҳияи нақшаи кор ба донишҷӯ кӯмак расонад;
-рӯйхати адабиёти илмиро ба донишҷӯ пешниҳод мекунад:
- шогирд ба амали рӯбардоркунӣ роҳ надиҳад;
-донишҷӯ аз манбаъҳои тавсияшуда маводҳои лозимиро ҷамъоварӣ ва тасниф карда тавонад;
- бо донишҷӯ роҷеъ ба ҳаҷми кор, мазмуну мундариҷа, ороиш, талаботҳои меъёрӣ ва техникӣ мӯҳлати таҳияи кор машварат гузаронад;
- корро бо ҳимоя тавсия диҳад, ё ин ки барои ислоҳи нуқсонҳо баргардонад;
- хулосаҳои худро дар шакли тақриз доир ба пурра иҷро шудани рисола пешниҳод намояд;
- дар масъалаи омода намудани матни маърӯзаи донишҷӯ зимни дифои рисола маслиҳатҳо диҳад;
- дар раванди дифои рисолаи хатм дар ҳайати Комиссияи аттестатсионии давлатӣ ба ҳайси аъзо иштирок намояд.

Талаботҳои дар боло зикрёфта самти фаъолияти устоди роҳнаморо дар рафти таҳияи рисолаҳои хатми донишҷӯ муайян менамояд.

## 4. Вазифа ва ӯҳдадориҳои донишҷӯ зимни иншои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

Мутобиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳо дар зинаи бакалавриат, мутахассис ва магистратура бояд рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) таҳия ва дифоъ карда шавад. Донишҷӯи хатмкунандаи Донишгоҳ вазифадор аст, то охири моҳи сентябр мавзӯъ ва роҳбари илмии худро интихоб намояд. Дар ин бобат дар банди 12 –и Низомнома оид ба рисолаҳои тахассусии хатм дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ зикр шудааст, ки «баъд аз интихоби мавзӯи рисолаи тахассусии хатм донишҷӯ ба унвони мудири кафедраи пешбар барои ба ӯ вобаста намудани роҳбари илмӣ ариза менависад».

Аризаҳои донишҷӯён дар маҷлиси кафедраи пешбар баррасӣ шуда, дар ин бора қарор ва протоколи кафедра дар бораи вобаста

намудани мавзӯи рисола ва таъин намудани роҳбари илмӣ дар доираи он протокол тасдиқ карда мешавад. Дар асоси қарори Шӯрои олимон фармони Ректори Донишгоҳ дар бораи тасдиқи мавзӯъҳо ва таъини роҳбарони илмӣ ба тасвиб расонида мешавад.

Ҳолатҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар донишҷӯ хоҳиши иваз намудани мавзӯъ ё роҳбари илмӣ пайдо мешавад. Дар ин гуна мавридҳо донишҷӯ муваззаф аст, ки танҳо дар такя ба санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии соҳа масъалаи баамаломадаро бартараф созад. Дар робита ба ин мушкилот дар банди 13 – и Низомномаи мазкур таъкид карда мешавад, ки «ҳама гуна тағйирот дар мавзӯъ ва роҳбарӣ намудан ба рисолаи тахассусии хатм бо фармони Ректор дар асоси карори кафедраи пешбар ва пешниҳоди декани факултет сурат мегирад». Аризаи донишҷӯ ҷиҳати ворид намудани тағйирот дар кафедра баррасӣ мешавад.

Мӯҳлати ворид намудани чунин тағйирот дар доираи 10 – рӯзи баъд аз тасдиқшавии мавзӯъ ва таъини роҳбари илмӣ ва 10 – рӯз аз вакти пешниҳод шудани ариза ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба донишҷӯ танҳо як маротиба ҳуқуқи такроран иваз намудани мавзӯъ ва роҳбари илмӣ дода мешавад. Дар ҳолатҳои фавкуллода мудири кафедра метавонад ба ҷои роҳбари илмии донишҷӯ муваққатан ё то анҷоми рисола роҳбари илмии дигарро таъин намояд. Доир ба ин масъала санад ва қарори кафедра ҳамчун асос хизмат мекунад.

Бо тасдиқ гардидани мавзӯъ ва таъин шудани роҳбари илмӣ донишҷӯ вазифадор аст, ки:
- реҷаи кори худро бо роҳбари илмӣ мувофиқа намояд;
- накшаи кории тахияи рисоларо якчоя бо роҳбари илмӣ тартиб дода, иҷрои онро дар мӯҳлатҳои таъиншуда таъмин созад;
- зимни иншои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) талаботи бобҳо, фаслу параграфҳои онро риоя менамояд;
- тибқи банди 4 – и Низомномаи зикршуда «Масъулияти ҳамаи маълумотро, ки дар рисолаи тахассусии хатм оварда мешавад, донишҷӯ ба дӯши худ мегирад.;
- оид ба корҳои ба анҷомрасонида ва саҳеҳияти маълумот ба роҳбари илмӣ мунтазам ҳисобот манзур менамояд;
- матни рисоларо мустакилона ва эҷодкорона дар заминаи риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ таҳия менамояд;
- талаботи техникии нигориши матни рисола, талабот ба ҳаҷми кор, ороишу ҷобаҷогузории бобу фаслҳо ва дигар рукнҳои кори дипломиро ҷиддӣ риоя мекунад;
- адабиёти илмӣ, таълимӣ ва методии марбут ба корро мутолиа намуда, фикрҳои асосии муаллифонро барои тақвияти нуқтаи назари худ иқтибос намуда, бо ақидаи дигар муаллифон оқилона муқоиса менамояд;
- мустақилона мавод ҷамъоварӣ карда, онро таснифу таҳлил мекунад;

-техникаи таҳия ва ҷобаҷогузории адабиётро тибқи алифбо ва меъёрҳои пунктуатсионӣ риоя мекунад;
- аз назария ва амалияи қоидаҳои иқтибосоварӣ ва иқтибосгирӣ бохабар мебошад;
-методҳои асосии илмӣ-тадқиқотии фанро хуб аз бар карда, дар рафти таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) истифода мебарад;
- дар ҷараёни навиштани рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ба зуҳуроти рӯбардоркунӣ роҳ намедиҳад;
- сайти маводҳои илмию методии интернетиро дар кор ва рӯйхати адабиёт нишон медиҳад;
- корро дар мӯҳлати муқарраргардида ба роҳбари илмӣ пешниҳод менамояд;
- тавсияҳои роҳбари илмиро барои беҳтар гардидани сифати рисола, риояи талаботи техникӣ, ороиш, ҳаҷм, мазмун ва мундарича, истифодаи методҳои тадқиқ, усули иншои муқаддима, хулоса ва феҳристи адабиёт ба инобат мегирад;
- нусхаҳои рисолаи тахассусии хатм (рисолаи дипломӣ)- ро пас аз таҳрири роҳбари илмӣ дар мӯҳлати муқарраргардида ба мудири кафедра барои пешдифоъ ва ё роҳ додан ба ҳимоя пешниҳод менамояд;
- барои манзури кор ба дифоъ матни мухтасари (фишурдаи) маърӯзаро дар бобати аҳамияти илмӣ ва амалии мавзӯъ, сохтори рисола, моҳияти бобу фаслҳои он таҳия месозад;
- ба саволҳои аъзои Комиссияи аттестатсионии давлатӣ пурраву саҳеҳ бо назардошти риояи меъёрҳои забони адабӣ ҷавоб медиҳад;
- этикаи муоширатро дар ҷараёни ҳамкориҳо бо роҳбари илмӣ, мудири кафедра ва зимни супоридани имтиҳони давлатӣ риоя менамояд.

## 5.Вазифаи мудири кафедра дар раванди корҳои ташкилӣ, таҳия, дифоъ ва ҳифзи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

Роҳбарӣ ба корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯён яке аз вазифаҳои мудири кафедра маҳсуб меёбад. Назорат аз болои рафти таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)- ро низ мудири кафедра бар дӯш дорад. Мудири кафедра то иҷрои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) вазифадор аст:
- номгӯи мавзӯъҳои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)- ро то 20-уми сентябр дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва тасдиқ менамояд ;
- мавзҳӯъҳоро ба муҳокимаи Шӯрои олимони факултет то 25 сентябр пешниҳод менамояд;
- тибқи аризаи донишҷӯён ба онҳо роҳбарони илмиро аз ҷумлаи устодони соҳиб унвон ва ботаҷриба таъин менамояд;

- номгӯи мавзӯъҳои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)- ро бо мақсади пешгирӣ аз зуҳуроти такрорёбӣ дар сайти қисми илмии Донишгоҳ ҷойгир мекунад;
- нақшаи кории якҷояи роҳбарони илмӣ ва рисоланависонро дар маҷлиси кафедра тасдиқ намуда, рафти иҷрои онро назорат мекунад;
- нусхаи аввали рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) - ро як моҳ қабл аз мӯҳлати дифоъ дар ҷаласаи кафедра баррасӣ намуда, сифати кор, хулосаҳои роҳбари илмӣ ва тақризҳои берунаро дида баромада, онро барои ҳимоя иҷозат медиҳад ва ё барои ислоҳи нуқсонҳо ба мӯҳлати то як ҳафта бармегардонад;
- рӯзи дифои рисола дар муҳокимаи он ширкат меварзад, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) нақшаи чорабиниҳо таҳия менамоянд;
- оид ба қабули рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ва нигоҳдории онҳо ба мӯҳлати 3- сол дар кафедра тадбирҳо меандешад. Баъд аз он тибқи санад ба китобхона ё бойгонии Донишгоҳ онҳоро месупорад;
- бо роҳбарони илмӣ ва рисоланависон мунтазам сӯҳбат доир менамояд, моҳияти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ- ҳуқуқии соҳаро ба онҳо шарҳ медиҳад .

Бояд тазакур дод, ки рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) сифатан, ҳаҷман ва аз лиҳози техникиву ороишӣ бояд ба талабот ҷавобгӯ бошад.

## 6. Марҳалаҳои асосии таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

Донишҷӯи рисоланавис (хатмкунанада) бо супориши роҳбари илмӣ бояд нақшаи тақвимии таҳияи рисолаи худро оид ба мавзӯи инттихобшуда омода карда, вобаста ба марҳалаҳо мӯҳлати иҷрои корҳои заруриро дар таҳияи рисола дар он дарҷ намояд.

Намунаи нақшаи тақвимии таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) дар шакли зерин буда метавонад:

| № | Унвони бахш, боб ва фасл | Мӯхлати пешниҳоди варианти аввал | Мӯҳлати пешниҳоди варианти хотимавӣ | Хулосаи роҳбари илмӣ оид ба вазъи кор |
|---|---|---|---|---|
| | Муқаддима | | | |
| 1 | Боби якум | | | |
| 2 | Боби дуюм | | | |
| 3 | Боби сеюм | | | |
| | Хулоса | | | |
| | Феҳристи адабиёт | | | |

Дар нақшаи тақвимӣ бояд тамоми давраҳои иҷрои корҳои вобаста ба таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) аз оғоз то ба анҷом нишон дода шавад.

Нақшаи мазкур аввали моҳи октябр пас аз расмӣ шудани мавзӯъ ва роҳбари илмӣ тартиб дода шуда, аз тарафи мудири кафедра тасдиқ мешавад ва мавриди иҷро қарор мегирад.

Мутобиқи талаботи нақша донишҷӯ муваззаф аст, ки охири ҳар моҳ доир ба ҳаҷми корҳои басомонрасида ба роҳбари илмӣ ҳисобот манзур намояд.

**Рисолаи хатм** (рисолаи дипломӣ) бояд дар марҳалаҳои зерин таҳия карда шавад:

| | **Марҳалаҳо** | **Мундариҷаи корҳо** | **Мӯҳлати иҷро** |
|---|---|---|---|
| 1 | Марҳали якум | 1.Интихоби мавзӯъ<br>2.Муайян кардани методҳои тадқиқ<br>3.Таҳияи нақшаи кор ва сохтори он | Октябр |
| 2. | Марҳали дуюм | 1.Ҷустуҷӯи маводи кор<br>2.Таснифи мавод аз рӯи мавзӯъ ва маъно<br>3.Интихоби методҳо ва приёмҳои таҳқиқ | Ноябр |
| 3 | Марҳалаи сеюм | 1.Мутолиаи адабиёти назариявӣ ва конспекти онҳо.<br>2.Иқтибос гирифтан аз асарҳои мутолиашуда<br>3.Навиштани муқаддима<br>4. Иншои ҳисобот доир ба корҳои иҷрошуда | Декабр |
| 4 | Марҳалаи чорум | 1.Навиштани ҳисобот оид ба сохтори рисола ва ҳаҷми иҷрои корҳо<br>2.Навиштани ҳисобот оид ба натиҷаи корҳои иҷро шуда<br>1. Навиштани матни боби 1<br>2.Навиштани матни боби 2<br>3.Аз ҷиҳати техникӣ дуруст таҳия намудани матни хулоса ва феҳристи адабиёт. 4.Ҳисобот доир ба рафти таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) | Январ - Феврал |
| 5 | Марҳалаи панҷум | 1.Ба роҳбари илмӣ пешниҳод намудани намунаи аввали рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ва гирифтани тақризи роҳбар<br>2.Ба мудири кафедра пешниҳод намудани намунаи хотимавии кор<br>3.Ба инобат гирифтан ва даровардани таҳрируислоҳот ба кор<br>4.Ҳисобот оид ба корҳои иҷрошуда | То 10 март то 25 март<br><br>То 01.04 |
| 6. | Марҳалаи шашум | 1.Барои гирифтани тақризи беруна пешниҳод намудани кор.<br>2. Аз тарафи мудири кафедра тибқи қарори ҷаласаи кафедра ба дифоъ роҳ дода шудани | Апрел |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | муаллифи рисола<br>3.Омода намудани матни маърӯза ҷиҳати дифои кор | |
| 7 | Марҳалаи ҳафтум | Ҳимояи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) дар ҳузури КАД | Май |

Байни ҳар як марҳалаи тадқиқотӣ робитаи зич мавҷуд буда, фатҳи марҳалаҳо аз донишҷӯ ҳисси баланди масъулиятшиносиро тақозо менамояд.

Ҳар як зина идомаи мантиқии зинаи пешина мебошад. Аз мундариҷаи корҳо бармеояд, ки ҳиссаи асосӣ ва аксари иҷрои супоришот бевосита ба зиммаи муаллиф қарор дошта, роҳбари илмӣ ба ҳайси маслиҳатчӣ дар таҳияи кор саҳм мегирад. Мудири кафедра бошад, вазифаи нозириро ба ӯҳда дошта, аз болои рафти иҷрои нақша ва паймудани марҳилаҳои зикрёфта назорат мебарад.

## 7. Усулҳои кор ба адабиёти илмӣ, иқтибосгирию иқтибосоварӣ ва ҷамъоварии мавод

Интихоби адабиёти илмӣ, таълимӣ, методӣ барои донишҷӯи рисоланавис бо тавсияи роҳбари илмӣ баъд аз тасдиқи мавзӯъ ва устоди роҳнамо оғоз меёбад. Адабиёти илмӣ бояд ба мавзӯъ мутобиқат намуда, дар он аз рӯи хронология афкори муҳаққиқон мавриди барррасӣ ва таҳлилу муқоиса қарор гирад. Дар ин самт роҳбари илмӣ вазифадор аст, ки ба рӯйхати адабиёт ҳамчунин номгӯи осори илмӣ, таълимию методии ба тозагӣ нашргардида ва маводҳои илмию методии интернетиро тавсия намояд. Пешрафти босуръати технологияи илмӣ ва таълимӣ боиси он гардидааст, ки аксарияти маводҳои назариявию методӣ ва таълимӣ бо забонҳои гуногуни паҳнгаштаи дунё дар сайтҳои интернетӣ маҳфуз мебошанд ва барои истифодаи хоҳишмандону завқмандони ин ё он соҳаи илм пешниҳод шудаанд.

Донишҷӯ муваззаф аст, ки дар ин марҳалаи фаъолияти худ усули кор бо каталогро истифода бурда, бештарини вақти холии худро дар сари мизи қироатхонаву китобхонаҳои шаҳр ва Донишгоҳ гузаронад. Мутолиаи адабиёт имкон медиҳад, ки сатҳи фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ, масъалагузорӣ ва ҳалли мушкилоти ба мавзӯъ алоқаманд, фикррониӣ муқоисаи ғояҳо, таҳлил ва қиёси маводҳо дар рафти иншои кор тавсеа ва афзоиш ёбад. Зимни мутолиа рисоланавис бояд афкори барҷастаи

муаллифону муҳаққиқони соҳаро дар варақчаҳои андозаи 15см х 7,5 см бо гузаштани рақами тартибӣ, овардани матни начандон калонҳаҷми иборат аз 1 ё 2-3 ҷумлаи хурд бо нишон додани манбаи истифодашуда, дарҷ намудани насабу номи муаллиф, унвони асар, макони нашр, номи матбаа, соли нашр ва саҳифаи китоб бо мақсади

тақвияти андешаҳои худ ва ё тасдику инкори мулоҳизаи муҳаққиқон сабт намояд. Ҳамин амалро донишҷӯ метавонад тариқи компютер низ ба анҷом расонад.

Намунаи чунин варақча ба тариқи зайл буда метавонад:

| |
|---|
| №1<br>Ҳодисаи ба якдигар синоним шудани калимаҳо як ҷузъи узвии таркиби луғавии забон мебошад.<br>Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ.- Душанбе: Маориф, 1993, саҳ. 6. |

Омӯзиши адабиёти илмӣ ва дуруст истифода бурда тавонистани методҳои илмӣ- тадқиқотӣ дар таҳияи рисолаи дипломӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд, зеро рисоланавис бояд аз ҷиҳати назариявӣ мусаллаҳ бошад ва паҳлӯҳои баррасишуда ё ҳанӯз рӯи тадқиқро надидаи масъалаи мавриди назарро ба таври саҳеҳ муайн карда тавонад. Маҳз тавассути омӯзиши адабиёт донишҷӯ бо таърихи мавзӯъ ошно мешавад, сабаби пайдоиши масъаларо дарк мекунад ва ба мақом ва муҳимияти мавзӯъ дар ҳаёти имрӯза баҳо дода метавонад.

Дар баробари омӯзиши адабиёти назариявӣ ва рушди донишу кобилятҳои илмӣ рисоланавис бояд ба малакаҳои амалии таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) низ молик бошад. Ба чунин малака соҳиб будани донишҷӯ зимни фаъолияти дигари ӯ- ҷамъоварии мавод ва таҳлилу таснифи он аён мегардад. Дар корҳои илмӣ- тадқиқотие, ки хусусияти филологӣ доранд, варақчаҳо ҳамчун воситаи дурусти ҷамъоварии мавод дар таҳлилу тасниф нақши муҳим дорад.

Агар яке аз ҳадафҳои мавзӯъ муайян намудани маънои семантикии калима бошад, пас дар ин гуна ҳолатҳо силсилаи варақчаҳо доир ба ҳар як маънои калима бо нишон додани манбаъ сохта мешавад.

Намунаи чунин варақчаҳо ба тариқи зайл буда метавонад:

| |
|---|
| **№1[а]**<br>**Машом-** ба маънои димоғ:<br>Аз тарафи дарёчаи шӯхи Исфара боди фораме вазида, **машоми** моро бо бӯи хуш шодоб мекард.<br>Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ.-Душанбе: Маориф, 1993, саҳ. 117. |

| |
|---|
| **№ 1[б]**<br>**Димоғ-** ба маънои машом:<br>Боди сабуке мевазид ва ба **димоғи** кас як бӯи хуши нозукеро меовард.<br>(Садриддин Айнӣ) Муҳамадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ.<br>-Душанбе: Маориф, 1993, саҳ . 117 |

Омӯзиши адабиёт ва ҷамъоварии мавод бо амали иқтибосгирӣ ва иқтибосоварӣ зич марбут мебошад. Иқтибосгирӣ амали муҳимест, ки аз овардани он ҳадафи муаллиф дар кори дипломӣ сабти аслии нуқтаи назари муҳаққиқони мавзӯъ маҳсуб меёбад. Ин ҳадафҳоро ба тариқи зерин тақсимбандӣ кардан мумкин аст:

1.Муаллифи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) мехоҳад ба фикри муҳақиқони дигар пайравӣ намояд, аз ин хотир нуқтаи назари ӯро тасдиқ карда, мулоҳизаҳояшро ҷонибдорӣ мекунад. Масалан: Муҳаққиқи синонимҳои забони тоҷикӣ М. Муҳаммадиев дуруст таъкид кардааст, ки «истеъмоли синонимҳо танҳо барои иваз намудани калима набуда, балки барои муайян намудани фикр ва муносибати гӯянда нисбат ба фикри гуфташуда мебошад».[1] (М. Муҳаммадиев. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ.- Душанбе : Маориф, 1993, саҳ.5).

2.Муаллифи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ба фикри муаллифони дигар розӣ нест, нуқтаи назари ӯро айнан оварда, аз ягон ҷиҳат асоснок набудани онро исбот карда, метавонад андешаҳои ғалатро танқид намояд. Масалан, муаллифи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) метавонад ба ин шакли гузориши масъала бо назари шубҳа нигариста онро ноқис шуморида, бо овардани нуқтаи назари худ ба ҳалли масъалаи гузошташуда пурра муваффақ шавад:

«Синонимҳои лексикӣ танҳо бо ҷиҳати маъноии калимаҳо кордор буда, таркиби морфологии онҳоро сарфи назар мекунад» (М. Муҳаммадиев Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ.-Душанбе: Маориф,1993 саҳ.5). Ба назари мо, синонимҳои лексикӣ ҳамчунин дар доираи як ҳиссаи нутқ воқеъ мешаванд, ки ин ҷиҳати масъала аз назари муҳаққиқии соҳа М. Муҳаммадиев берун мондааст. Овардани иқтибос, яъне дар кор истинод кардан ба ғояҳои муҳаққиқону муаллифони дигар тибқи қоидаҳои нутқи айнан ва мазмуннан нақлшудаи забон сурат мегирад. Муаллифи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) андешаҳои муҳақиқони дигарро айнан ё мазмунан оварда, муваззаф аст, ки манбаи истифодашударо бевосита пас аз анҷоми матни овардашуда ва ё дар поварақ тавассути рақамгузорӣ нишон диҳад. Масалан, профессор С. Алиев дар робита ба навъҳои дарси ғайрианъанавӣ ва фаъоли забони хориҷӣ менависад, ки «Дарс-саёҳат, дарс-саҳнача, дарс- суруд, дарс- иншо, дарс- интервю, дарси видеотасвирӣ, кинодарс, дарси истифодаи бозиҳои касбӣ ва накшофариҳо аз қабили хелҳои ғайрианъанавии дарси забони хориҷӣ маҳсуб меёбанд». (С. Алиев Методикаи умумии таълими забонҳои хориҷӣ.- Душанбе: Дониш, 2013, саҳ. 214). Ё ин ки профессор С. Алиев мақсади таълими забони хориҷро дар мактаб ба чор навъ ҷудо кардааст; «мақсадҳои амалӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳӣ» (С. Алиев Методикаи умумии таълими забонҳои хориҷӣ. –Душанбе: Дониш 2013, саҳ.77).

Муаллифи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) бояд сарчашмаи истифодаро тибқи усулҳои дар боло зикршуда холисона нишон диҳад, зеро ин амал мавқеи ҳар як муаллифро дар кушоиши ин ё он гиреҳи мушкилоти мавзӯъ муайян менамояд, саҳми муҳаққиқонро дар рушди ин ё он самти тадқиқ таъкид месозад.

**Се тарзи иқтибосовариро бояд фарқ кард:**

**1.Иқтибосоварии бевосита.** Ин усул мисли нақли айнан нақлшуда буда, муаллиф як қисми матн ё матни пурраро айнан иқтибос оварда чун санад онро дар рисолаи худ истифода мебарад.

**2. Иқтибосоварии бавосита.** Ин усул мисли нақли мазмунан нақлшуда буда, муаллиф хулоса, фишурда ва ё ҷиҳатҳои муҳиму асосии андешаҳои

дигаронро мазмунан истифода мебарад, ё ба ягон ҷиҳати андешаҳои ӯ ишора менамояд.

**3.Иқтибосоварии озод (ё бланкетӣ).** Ин усул он гоҳ истифода бурда мешавад, ки ин ё он идея, фишурда, хулосаи муҳаққиқони дигар зикр карда мешаванду худи он оварда намешавад.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки дар ҳар се навъи овардани иқтибос сарчашмаи он дар кор бояд дарҷ ёбад.

Агар иқтибос такроран аз як асар ду ё зиёда маротиба истифода бурда шавад, он гоҳ дар аввал манбаи он пурра ва минбаъд дар шакли мухтасар нишон дода мешавад.

Муаллифи рисола иқтибоси овардаи худро бояд ҳарҷониба аз нигоҳи илмӣ таҳлил намояд ва аз ҷиҳатти танқидӣ воқеъбинона ба он муносибат кунад. Истифодаи ҳама гуна усулҳои иқтибосоварӣ бе нишон додани сарчашмаи он қатъиян манъ аст.

## 8. Талабот ба ҳаҷми рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ), ороишу нигоришоти техникии он

**а) Ҳаҷми рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ).** Масъалаи муайян кардани ҳаҷми рисолаи илмии донишҷӯён аз он ҷиҳат яке аз рукнҳои муҳими фаъолияти ӯ дар таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) маҳсуб меёбад, ки ҳаҷми васеи кор ифодагари ҷаҳонбинӣ, сатҳи баланди тахайюлот, фикри пухтаву сареҳ доштан, дар хат дуруст ифода карда тавонистани матлаб мебошад.

Вобаста ба хусусиятҳои равиявии ихтисосҳои Донишгоҳ ду навъи ҳаҷми рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) муқаррар шудааст:

- ҳаҷми кори рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) барои ихтисосҳои равияи гуманитарӣ- ҷамъиятӣ;
- ҳаҷми рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) барои ихтисосҳои равияи табиӣ-риёзӣ.

Бояд таъкид намоем, ки мутобиқи банди 53-и «Низомнома оид ба рисолаҳои тахассусии хатм дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Саддриддин Айнӣ» барои ихтисосҳои равияи

гуманитарӣ-ҷамъиятӣ рисолаи хатм на камтар аз 50 саҳифаи чопии электрониро бидуни шумораи саҳифаҳои замимаҳои ба кор иловашуда бояд ташкил диҳад. Барои ихтисосҳои равияи табиӣ –риёзӣ бошад, рисолаи хатм на камтар аз 35 саҳифаи чопии электрониро бидуни замимаҳо ташкил медиҳад. Мувофиқи банди 61-уми ҳамин «Низомнома» барои хатмкунандагони зинаи мутахассиси Донишгоҳ аз рӯи ихтисосҳои равияи гуманитарӣ - ҷамъиятӣ рисолаи дипломӣ дар доираи аз 55 то 65 саҳифаи чопии электронӣ ва барои ихтисосҳои равияи табиӣ-риёзӣ дар ҳудуди аз 35 то 45 саҳифаи чопии электронӣ муқаррар шудааст. Вайрон кардани муқаррароти мазкур боиси паст гардидани баҳои хатмкунандагон ва аз нав баргардонидани кор мешавад. Аз ин хотир, риояи ин талабот ҳатмӣ мебошад.

Барои рисолаҳои магистрӣ низ риояи талабот ба ҳаҷми он муҳим мебошад. Ҳаҷми рисолаҳои магистрӣ барои ихтисосҳои равияи гуманитарӣ- ҷамиятӣ мутобиқи банди 65- уми «Низомномаи» мазкур на камтар аз 80 саҳифаи чопии компютерӣ ва барои ихтисосҳои табиӣ- риёзӣ на камтар аз 60 саҳифаи чопии компютерӣ муқаррар шудааст.

Ҳаҷми кори илмӣ- тадқиқотии донишҷӯ вобаста ба таркиби сохтории он мувофиқи талаботи банди 61-и Низомномаи зикршуда аз муқаддима, ҳадди ақал аз ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат мебошад. Мавҷудияти замимаҳо ба ҳаҷми кор таъсир намерасонанд.

### б) Талабот ба ороиш ва нигориши техникии рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

Дар бандҳои 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 23, 24-уми боби 3-юми «Низомнома оид ба рисолаи тахассусии хатм дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» доир ба тарзи таҳия ва ороишоти техникии рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) маълумотҳои мушаххас дарёфтан мункин аст.

Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)-е, ки ба талаботи меъёрҳои техникӣ ҷавобгӯ нест, мудири кафедра ва устоди роҳнамо муваззафанд, ки онро барои ба тартиб даровардан ба донишҷӯ баргардонанд. Зимни таҳияи рисола донишҷӯ бояд ба ҷиҳатҳои зерин эътибор диҳад:

- рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) дар шакли чопӣ бо назардошти риояи қоидаҳои техникии таҳиясозии корҳои илмӣ-тадққиқотӣ, ки стандартҳои давлатӣ муайян намудаанд, дар варақи сафеди андоза ва шакли А- 4 бояд навишта шавад;
- кор бо шрифти 14 Times new Roman TJ ва фосилаи 1,5 якунимкаратаи байни сатрҳо бояд иншо шавад;
- андозаи майдони ҷойгиркунии матнҳо ба тариқи зайл зарур аст:

• майдони холӣ аз тарафи чап -30мм (3см);

- майдони холӣ аз тарафи рост -10мм (1см);
- майдони холӣ аз боло -20мм (2см);
- майдони холӣ аз поён-20мм (2см).

- рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) камаш 10 рӯз қабл аз дифоъ дар шакли китоб муқовабандӣ шуда, бояд ба мудири кафедра супорида шавад;
- рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) бо вараќи унвон сар мешавад, ки дар он:

- унвони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - бо шрифти 16, ранги нимсиёҳ ;
- унвони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо шрифти 15, ранги нимсиёҳ ;
- Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)- бо шрифти 20, ранги нимсиёҳ;
- унвони факултет- бо шрифти 14, ранги нимсиёҳ ;
- номи ихтисос ва кафедра бо шрифти 14, ранги нимсиёҳ ;
- ному насаби муаллифи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) пурра дарҷ меёбад (ширифти 14);
- ному насаби роҳбари илмӣ пурра зикр карда мешавад (шрифти 14);

Навиштаҷоти зерин бояд дар саҳифаи пас аз варақаи унвон сабт ёбад:

- рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) оғоз шуд: аз «___»___ с 20_____
- ба ҳимоя роҳ дода шуд: аз «___»___ с 20____

Имзои мудири кафедра _____________
Имзои роҳбари илмӣ _______________
Имзои донишҷӯ_____________________
Ҳамаи он бо шрифти 14 навишта мешавад.

- макон ва замони иншои кор дар шакли зерин дарҷ карда мешавад:

**Душанбе – 2013-** бо шрифти 14, ранги нимсиёҳ

Дар саҳифаи минбаъдаи рисола мундариҷа ҷойгир карда мешавад, ки дар он номгӯи унвони бахшу бобҳо, фаслу мавзӯъҳо ва замимаҳо бо нишон додани саҳифаҳо дарҷ меёбанд. Унвони бахшу бобҳо ва фаслу мазӯъҳо (сарлавҳаҳо) дар дохили матн бо ранги нимсиёҳ ва шрифти 16 навишта мешавад. Сарлавҳаҳо бояд дақиқан бо мундариҷаи кор мувофиқат кунанд, мухтасару аниқ, пайдарҳаму дақиқ масоили мантиқии рисоларо инъикос намоянд. Ҳамаи вараќу саҳифаҳои кор аз муқаддима сар карда, то охири рисола рақамгузорӣ карда мешаванд. Рақамгузорӣ ба саҳифаҳои феҳристи адабиёт ва замимаҳо низ таалluқ дорад.

Донишҷӯ дар ҷараёни таҳияи кор бобҳои онро бо рақамҳои римӣ ё арабӣ метавонад рақамгузорӣ намояд, фаслҳо ва мавзӯъҳоро дар шакли зерин рақамгузорӣ кардан лозим аст:

-пеш аз унвони бобҳо бо рақамҳои римӣ ваё арабӣ : I.II. III. ё 1.2.3.

-пеш аз унвони фаслҳо бо рақамҳои римӣ ваё арабӣ: I.1; II 1. ё 1.1.; 2.1.

- пеш аз унвони мавзӯъ ё параграфҳо: I.1.1; II . 1.2; III. 2.1. ё 1.1.1. 2.1.2. 3.2.1.

Бо тағйир ёфтани мавзӯи матн тибқи талаботи меъёрҳои мукаррар намудаи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ » сархат гузошта мешавад.

Истифодаи ҷадвалҳо, расму диаграммаҳо дар матни кор иҷозат дода мешавад. Миқдори чунин воситаҳо дар матн вобаста ба мазмуни он ҷойгир карда шуда, ба ҳадде иҷозат дода мешавад, ки барои баёни возеҳу мухтасари мазмуни матн ҳидоят кунад. Ҷадвалу расмҳо низ бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Чунон ки «Расми 1», «Расми 2» «Ҷадвали 1» «Ҷадвали 2» ва ғайра. Ҷадвалу расмҳо метавонанд ранга ва ё муқаррарӣ бошанд. Истифодаи рангҳо сифати рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)-ро беҳтар мекунад.

Матнҳои иқтибосшудаи дар кор айнан истифодашударо дар даруни нохунак гирифтан шарт мебошад. Матнҳои иқтибосиро дар варақ тариқи рақамгузорӣ ҷой додан мумкин аст.

Феҳристи адабиётро тибқи тартиби алифбо таҳия намуда, пай дар пай рақамгузории адабиёт шарт мебошад.

Замимаҳо дар охири кор берун аз қисмҳои асосӣ ҷойгир карда мешаванд. Рақамгузории замимаҳо дар шакли «Замимаи №1» ё «Замимаи №2» сурат мегирад.

Саҳифабандии варақҳо бо гузоштани рақамҳо: 1 2,3,4….. анҷом меёбад. Рақами саҳифа дар поён ва мобайни варақ гузошта мешавад.

Назорати иҷрои риояи талаботҳои техникию ороиши рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)-и донишҷӯ ба зиммаи роҳбари илмӣ ва мудири кафедра вогузор мегардад.

## 9. Сохтори рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) аз муқаддима, қисми асосӣ, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Бо масъалаи мазкур роҳбари илмӣ донишҷӯро зимни таҳияи нақшаи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ошно месозад. Ҳар як қисми сохтор аз донишҷӯ мустақилона иҷро намудани масъаларо талаб менамояд. Ин бахшҳои сохтории кори илмӣ- тадқиқотии донишҷӯ дар навбати худ ҳадаф ва мақсадҳои муайян доранд. Масалан, «Муқаддима»-и рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) чунин ҳадафҳоро дар бар мегирад:

а) Гузориши масъала;
б) Муҳиммияти мавзӯи тадқиқ;
в) Мақсад ва ҳадафҳои пажӯҳиш;
г) Навгониҳои кор;
ғ) Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ;
д) Методҳои тадқиқ
е) Сохтори рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

Қисми асосии рисола метавонад аз якчанд боб иборат бошад. Дар Низомномаи соҳа мавҷудияти ҳадди ақал на камтар аз ду боб таъкид карда мешавад.

Ба сифати намуна аз ихтисоси забони тоҷикӣ сохтори боби якуми рисолаи дипломиро дар мавзӯи «Омонимҳо дар ғазалияти Камоли Хуҷандӣ» пешниҳод менамоем: Боби 1. «Истифодаи хелҳои омонимҳо дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ» ном дорад, ки таркиби он тақрибан ба тариқи зайл мебошад:

1.1. Тавсифи умумии масъалаҳои назариявии омонимҳо .

1.2. Омонимҳои лексикӣ (луғавӣ) дар ғазалияти Камол.

1.3. Омонимҳои грамматикӣ дар ашъори Камол.

1.4. Омонимҳои услубӣ ва аҳамияти истифодаи онҳо дар ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ.

Ба ҳамин монанд боби дуюми рисола аз фаслҳо ва зерфаслҳо иборат буда метавонад. Ҳар як боб муқаддима ва хулосаи мухтасари худро бояд дошта бошад.

Хулосаи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) низ сохтори махсуси худро дорад. Масалан, муаллиф бояд дар хулоса зикр намояд, ки ӯ ба ҳалли кадом масъалаҳои гузошташуда то кадом дараҷа муваффақ шудааст ва ё ин ки дар рисолаи пешниҳодшуда кадом боб ё фасли кор тавзеҳу тафсилоти иловагиро тақозо менамояд. Ба таври дигар гӯем, ӯ нишон медиҳад, ки:

- кадом проблемаҳо ҳалли худро ба пуррагӣ ёфтаанд?
- кадом проблемаҳо бо чӣ сабабҳо қисман иҷро шудаанд?
- кадом проблемаҳо бо чӣ иллат дар рафти баррасии мавзӯъ ҳал нашудаанд?
- кори иҷрошуда нисбат ба корҳои аналогӣ чӣ афзалияти илмию амалӣ дорад?

Феҳристи адабиёти истифодашуда низ сохтори хосаи худро дорад. Зимни ба тартиб даровардани он адабиёти марбут ба манбаи корро ҷудогона ва адабиёти назриявиро дар банди алоҳида бо тартиби алифбо дарҷ кардан мумкин аст. Истифодаи манбаъ ва маъхазот аз тариқи сайтҳои интернетӣ бо назардошти нишон додани сарчашмаи истифодашуда иҷозат дода мешавад.

Ба таври расмӣ феҳристи адабиётро ба чор бахш ҷудо мекунанд:

1. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
2. Адабиёти илмӣ
3. Адабиёти бадеӣ
4. Адабиёти иловагӣ

Яъне, мавҷудияти китобнома, феҳристи номҳо, феҳристи номҳои ҷуғрофӣ ва шарҳи луғатҳо барои сифатан беҳтар гардтдани мазмун ва шакли рисола мусоидат менамоянд.

Рисоланависон вазифадоранд, ки ҳангоми омӯзиши адабиёт аз рӯи як қатор сарчашмаҳо бояд конспекти муфассал таҳия намоянд.

Ин амал имконият медиҳад, ки донишҷӯ тавсифи вазъи таҳқиқи масъалаи гузошташуда, таҳлили нуқтаи назари муҳаққиқони мухталифро роҷеъ ба мушкилоти омӯзиш ва муносибати худро дар ҳалли масоили гуногун дар доираи мавзӯъ ифода карда тавонад ва аз падидаи рӯйбардоркунӣ (плагиат) худдорӣ намояд.

Дар рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) истифодаи маводҳои ҳисоботи хизматӣ, маълумотҳои оморӣ агар интишор шуда бошад, ё санади тасдиқшуда дошта бошанд, истифодаи онҳо иҷозат дода мешавад.

## 10. Таркиби рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ва талабот ба таҳияи бахшу бобҳо ва фаслҳои он.

Таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) шакли нисбатан мураккаб ва муҳими фаъолияти донишҷӯи Донишгоҳ маҳсуб меёбад. Сохтор ва таркиби он аз корҳои илмӣ- тадқиқотии то ин дам навиштаи бакалавр, мутахассис ва магистр аз лиҳози ҳаҷм мураккабии масъалаҳо, истифодаи усулҳои тадқиқ, таҳлилу муқоиса, тасдиқу инкор, натиҷагирӣ ва истифодаи адабиёт то андозае тафовут дорад. Тавсифи мазмун ва мундариҷаи таркиби рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ба сохтори он зич вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, бахшҳои таркибии рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)-ро мутобиқи сохтори он ба тариқи зайл тавсиф намудан мумкин аст:

**Мундариҷаи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ).** Сохтор ва таркиби рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) дар мундариҷаи он инъикос меёбад. Дар Низомнома оид ба таҳияи рисолаи тахассусии хатм таъкид карда мешавад, ки «Мундариҷаи рисола бояд ба талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбие, ки барои омодасозии донишҷӯён пешбинӣ шудаанд, ҷавобгӯй бошад». Ҳамчунин мундариҷаи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) бояд ба мундариҷаи фанҳои умумикасбӣ ва ё касбии Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ мувофиқат намояд.

Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)- ро дар доираи фанҳои зерин таҳия кардан мумкин аст:

- аз фанҳои назариявии тахассусӣ (фанҳои асосии ихтисос);
- аз фанҳои умумикасбии амсоли педагогика ва психолгия;
- аз фанҳои умумикасбии марбут ба назария ва методикаи таълими ихтисос.

## 11. Талабот ба навиштани муқаддима

**Муқаддима.** Ин бахши рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) дар заминаи мазмун ва мундариҷаи бобу фаслҳои асосии кор навишта мешавад ва он бештар хусусияти назариявӣ дорад. Ҷузъҳои таркибии муқаддимаро ба таври зайл шарҳу тафсил медиҳем:

а) **Гузориши масъала.** Муаллиф дар ин бахш таъкид мекунад, ки мавзӯи мавриди назар пурра ё қисман аз ягон ҷиҳат омӯхта нашудааст, бинобар ин, ба тадқиқи он зарурат ҷой дорад.

б) **Муҳиммияти мавзӯи тадқиқ.** Дар ин ҷузъ рисоланавис аҳамияти илмӣ-амалии натиҷаи таҳқиқро қайд мекунад. Ба рисоланвис имконият дода мешавад: агар рисола хусусияти техникӣ, технологӣ ва иқтисодиро молик бошад, аз ҳисоби ҷорӣ намудани он корхона ё муассиса метавонад фоида ба даст оварад, ки ин ҷиҳатро низ зикр кардан шарт мебошад. Баръакс, агар кор хусусияти гуманитарӣ-иҷтимоӣ дошта бошад, натиҷиаҳои он бояд аз ягон ҷиҳат ба беҳдошти ҳаёти маънавии одамон мусоидат кунад.

в) **Мақсад ва ҳадафҳои пажӯҳиш.** Муаллиф дар ин қисмати муқаддима исбот мекунад, ки ҳалли мавзӯъ аз ягон ҷиҳат ба кушодани гиреҳҳои сарбастаи мушкилоти ҷомеа (дар бахши иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ) мусоидат менамояд. Агар домани мавзӯъ фаррох бошад, муаллиф ҳалли ягон паҳлӯи онро ҳамчун ҳадафи тадқиқ қарор медиҳад.

г) **Навгониҳо.** Дар ин ҷузъ доир ба умумияти мавзӯи тадқиқ бо мавзӯъҳои илмии ба он монанд (аналогӣ) сухан ронда, ҳамзамон афзалияти мавзӯи пажӯҳишро дар натиҷаи ҷорӣ намудани навгониҳои назариявӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ зикр мекунад. Навгониҳо аҳамияти илмӣ ва қимати амалии корро боз ҳам баландтар менамоянд.

ғ) **Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ.** Яке аз қисматҳои муҳим ва ҳаҷман калони муқаддима дараҷаии омӯхта шудани мавзӯъ маҳсуб меёбад. Дар он рисоланавис пиромуни масъалаи мавзӯъ, ки аз тарафи муҳаққиқони дигар аз ин ё он ҷиҳат омӯхта шудааст, маълумот медиҳад. Гузориши муаллиф дар ин бахш ба хусусияти хронологӣ, аналиткӣ ва муқоисавӣ бояд молик бошад.

д) **Методҳои тадқиқ.** Дар ин қисми муқаддима донишҷӯ аз методҳои объективӣ ва субъективии тадқиқ вобаста ба фанне, ки аз он пажӯҳиш бурда мешавад, зимни баррасии масъала ба таври мухтасар ёдовар мешавад. Масалан, аз методҳои тасвирӣ, муқоисавӣ, таърихӣ, таҷрибавӣ ва амсоли инҳо истифода бурда метавонад.

**е) Сохтори рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ).** Муаллиф оид ба ҳар як бахши рисола фишурдаи маълумот ва масъалаҳои дар кор баррасишударо ба таври мухтасар баён мекунад.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки ҳаҷми умумии муқаддима бо ҷузъҳои таркибии он барои ихтисосҳои равияи гуманитрайӣ-ҷамъиятӣ: - - барои рисолаи хатм **6-8** саҳифа;
- барои рисолаи дипломӣ **8-10** саҳифа;
- барои рисолаи магистрӣ **10-12** саҳифа.

Барои ихтисосҳои равияи табиӣ-риёзӣ:
- барои рисолаи хатм **то 4** саҳифа;

- барои рисолаи дипломӣ **то 6** саҳифа;
- барои рисолаи магистрӣ **то 8** саҳифа.

## 12. Талабот ба мундариҷаи бобҳо ва фаслҳои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

**Тавсифи таркиб ва мазмуну мундариҷаи бобҳои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)**

Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) бояд аз ду боб кам набошад. Ба тариқи намуна таркиби бобҳои рисолаи дипломиро дар мавзӯи «Омонимҳо дар ашъори Камоли Хуҷандӣ» аз назар гузаронидан мумкин аст.

1.**Тавсифи умумии масоили назариявии мавзӯи «Омонимҳо»:** Муаллиф дар ин ҷузъ доир ба андеша ва хулосаи муҳаққиқон роҷеъ ба «таърифи омонимҳо», «хелҳои омоним», «омонимҳои луғавӣ», «омонимҳои грамматикӣ», «омонимҳои услубӣ», «монандӣ ва тафовути омонимия бо санъати таҷнис» баҳси илмӣ ташкил намуда, мавқеи худро нисбат ба мулоҳизоти онҳо муайян менамояд. Дар ин қисм маҳорати суханварии Хоҷа Камолро зимни истифодаии омонимҳо ё худ санъати таҷнис бо овардани мисолҳои мушаххас ба таври умумӣ баён менамояд. Зеро тафсили хелҳои омонимҳо ва истифодаи онҳо дар ашъори Камол дар фаслҳои минбаъдаи кор низ баррасӣ мешаванд.

**2.Омонимҳои луғавӣ дар ашъори Камол.** Рисоланавис дар ин фасли боби якум вожаҳои аз ҷиҳати шакл ва таркиби овозӣ якхелаеро, ки ҳамчун калимаи мустақилмаъно ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд, таҳлил ва баррасӣ намуда, хусусиятҳои забонии истифодаи онҳоро таҳлил ва гурӯҳбандӣ менамояд.

**3. Омонимҳои грамматикӣ дар ашъори Камол.** Донишҷӯ дар ин фасли боби якум вожаҳои аз ҷиҳати шакл ва таркиби овозӣ якхелаеро, ки ҳамчун калимаи мустақилмаъно ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд, таҳлилу тасниф мекунад.

**4. Омонимҳои услубӣ дар ғазалиёти Камол.** Дар ин фасли кор муаллиф маҳорати сухангӯӣ ва қобилияти сухансанҷии Камолро дар робита бо мушкилоти омонимҳои услубӣ дида баромада, бештар таваҷҷӯҳи худро ба вожаҳое равона месозад, ки имконияти омонимшавии онҳо танҳо ба услуб ва сабки Камоли Хуҷандӣ вобастагӣ дорад.

Боби дуюми рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ), ки **«Зуҳуроти ба омонимия монанд»** унвон гирифтааст, ба мисли боби якум ба фаслҳо ҷудо мекунад. Чунончи:

**2.1. Омофонҳо дар ғазалҳои Камол.**

**2.2. Омографҳо дар ғазалиёти Камол.**

Умуман, дар бобҳои рисола таърихи омӯзиши масъала ва вазъи кунунии он, таҳлили адабиёти илмии алоқаманд ба проблемаи

мавриди тадқиқ, нишон додани андешаҳои мухталифи тадқиқотчиён ва асоснокии мавқеи муаллифи рисола, таҳлил ва таснифоти маводи ҷолибро дар заминаи методҳои таҳқиқ фаро мегиранд.

Дар рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ), ки хусусияти таҷрибавию амалӣ ва ё тамоили методӣ доранд, овардани бобе, ки дар он ҷараён ва натиҷаҳои таҷрибаи гузаронидашуда инъикос ёфтааст, бояд дарҷ ёбад.

## 13. Усули таҳияи хулосаи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

**Усули таҳияи хулоса.** Хулосаи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) хусусияти ҷамъбасткунӣ дошта, муаллиф бевосита масъалаҳоеро, ки аз ҷониби худи ӯ матраҳ шудаанд ва дар сатҳи зарурӣ ба ҳалли онҳо муваффақ шудааст, то кадом андоза иҷро шудани онҳоро баён мекунад. Ғайр аз ин сабабҳои пурра ба сомон нарасидани баъзе проблемаҳои корро маҳз дар хулоса арзёбӣ менамояд. Дурнамои таҳқиқи пурраи мавзӯъ ва татбиқи он дар амалия дар ин бахши рисола баррасӣ мегардад.

## 14. Тарзи таҳияи феҳристи адабиёт

**Феҳристи адабиёти истифодашуда.** Феҳристи адабиёт пас аз анҷоми бахшҳои асосии кор ҷойгир карда мешавад. Теъдоди саҳифаҳои ин бахш ба ҳаҷми умумии кор дохил намешаванд. Рисоланавис адабиёти илмӣ, таълимӣ, методӣ ва дигар сарчашмаҳоро аз рӯи тартиби алифбо ба низом медарорад. Дар таҳияи феҳристи адабиёт ба инобат гирифтани талабот ва шароити зерин ҳатмӣ мебошад:

- рақами тартибии адабиёти истифодашуда риоя гардад;
- насаби муаллиф пурра, вале аз номи ӯ танҳо ҳарфи аввал бо гузоштани нуқта қабл аз ҳама дар феҳрист ҷой дода мешавад;
- номи асар пурра ва бе тағйирот нишон дода мешавад;
- пас аз он ҷои нашр, унвони нашриёт ва соли ба табъ расидани асар оварда мешавад;
- дар охир теъдоди саҳифаҳои китобро ҷой додан лозим аст;
- агар мақолаи илмӣ ё методӣ дар таркиби маҷмӯаи мақолаҳо қарор дошта бошад, аввал аломати // гузошта шуда, номи маҷмӯа ва унвони мақола пурра бо назардошти риояи тартиби дар фавқ зикрёфта дарҷ мегардад;
- пас аз насаб ва номи муаллиф, номи асар аломати **нуқта (.)**, пеш аз ҷои нашр аломати **тире (-)**, вале пас аз он аломати **дунуқта (:)** мегузоранд ва баъд аз он номи нашриёт ҷой дода мешавад. Баъд аз номи нашриёт аломати **вергул (,)** соли нашри асар нишон дода мешавад. Минбаъд **нуқта (.)** ва бо гузоштани **тире (-)** миқдори саҳифаҳои китоб дарҷ гардида амали феҳристнигорӣ ба анҷом мерасад. Дар замимаи № 7 тарзи навишти поварақҳо ва иқтибосҳо нишон дода шудааст.

## 15. Тақриз ба рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

Қабл аз таъин намудани муқарризи дохилӣ ва берунӣ мудири кафедра бо хулоса ва мулоҳизаҳои роҳбари илмӣ ошно мешавад. Агар назари роҳбари илмӣ ба сифати иҷрои рисола мусбат бошад, он гоҳ корро барои тақриз додан ба мутахассисони дохилӣ ва берунӣ тавсия медиҳад. Баръакс, агар андешаҳои роҳбари илмӣ ҷиҳати таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) аз лиҳози сифат, риояи талаботи техникӣ, ҳаҷм, қолаби илмӣ ва амалии тадқиқи мавзӯъ манфӣ арзёбӣ шуда бошад, ё худ кор таҳрирталаб бошад, он барои таҳияи тақриз пешниҳод намешавад. Дар ин гуна ҳолатҳо рисола ҷиҳати бозбинӣ ваислоҳи нуқсонҳо ба муаллиф баргардонида мешавад.

Муаллиф вазифадор аст, ки дар муҳлати муқарарнамудаи мудири кафедра (на дертар аз 5 рӯз) ба мазмуни рисола тағйироту иловаҳо ворид намояд, талаботи таехникиро пурра риоя намояд, дар акси ҳол рисола ба ҳимоя тавсия дода намешавад.

Мутобиқи талаботи банди 30-юми Низомнома оид ба таҳияи рисолаҳои тахассусии хатм «Агар рисола ба тақриз зарурат дошта бошад, онгоҳ дар маҷлиси кафедраи пешбар ҳайати муқарризон тасдиқ карда мешавад. Тақризро ба рисола муаллимоне, ки дар таҳияи он ширкат надоштанд ва мутахассисони беруна менависанд. Агар рисола дар доираи фанҳои мухталиф таълиф шуда бошад, дар он сурат таъин намудани ду нафар муқарриз дар ҳаҷми соатҳои барои тақризи рисола пешбинишуда тавсия мешавад».

Оид ба вазифаҳои мутахассиси тақриздиҳанда дар санади зикршуда чунин таъкид шудааст. «Вазифаҳои муқарриз аз шиносоии ҳамаҷониба бо муҳтавои рисола ва навиштани тақризи интиқодии асоснок иборат аст, ки дар он бояд матолиби зерин дарҷ гардад:

- мувофиқати рисола ба мавзӯи интихобшуда;
- муҳимияти мавзӯъ ва тадқиқ;
- дараҷаи асоснокии хулосаҳои илмӣ, тавсияҳо, саҳеҳии далелҳо, навоварӣ ва аҳамияти илмию амалии онҳо;
- саводи умумӣ, сифати навиштани матнҳо ва тартиб додани ҷадвалҳо, мутобиқати онҳо бо стандартҳои амалкунанда;
- муваффақият ва камбудиҳои рисола».

Ҳамчунин дар қисмати хулосаи тақриз муқарриз андешаҳояшро оид ба мувофиқати рисола ба талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилот, тавсияи он ба ҳимоя, баҳои умумии он ва ба хатмкунанда додани тахассуси мувофиқ баён менамояд.

Дар тақриз бояд насаб, ном ва номи падари муқарриз, унвони илмӣ ва дараҷаи илмӣ, вазифа ва имзои ӯ пурра ва саҳеҳ дарҷ ёбад. Дар хусуси муҳлати пешниҳоди тақриз дар санади мазкур зикр мешавад, ки «Тақриз ба кафедраи пешбар на дертар аз як ҳафта то рӯзи ҳимоя бояд пешниҳод карда шавад».

Дар ин ҷода ба донишҷӯ ҳуқуқ дода мешавад, ки то рӯзи ҳимоя бо тақриз шинос шавад.

Муҳимияти тақриз дар он инъикос меёбад, ки маҳз дар асоси хулосаҳои муқарриз ҷаласаи кафедра рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) -ро ба ҳимоя тавсия медиҳад ва ё барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба муаллиф онро бармегардонад.

Хулосаҳои роҳбари илмӣ ва мутахассиси беруна бояд баҳои аз ҷиҳати назариявӣ омода будани муаллифи рисола, ташаббускорӣ ва мустақилияти ӯ дар мавриди ҳалли масоили таҳқиқ, қобилияти кор кардан бо адабиёти илмӣ ва дигар маводи илмию методӣ, қобилияти возеҳ ва аниқ баён намудани фикр, инчунин арзёбии дараҷаи мутобиқати таълифи рисола ба меъёрҳою қоидаҳои муқарраргардидаро фаро гирад.

Мулоҳизаи роҳбари илмӣ ва тақризи мутахассиси бетараф бо рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) якҷоя барои шиносоӣ дар рӯзи дифоъ ба ҳайати Комиссияи аттестатсионии давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Намунаи тарзи таҳияи мулоҳизаи роҳбари илмӣ ва тақризи мутахассиси бетараф дар замимаҳои №4 ва №5 нишон дода шудааст.

## 16. Дифои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

Дар ҳузури Комиссияи аттестатсионии давлатӣ доир ба баррасии рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) дифоъ сурат мегирад.

Мутобиқи банди 33-юми «Низомнома оид ба рисолаҳои тахассусии хатм дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» «Ҳимояи рисолаҳои тахассусии хатм дар ҷаласаи кушодаи Комиссияи аттестатсионии давлатӣ бо иштироки на камтар аз 2/3 ҳиссаи ҳайати комиссияи мазкур сурат мегирад, ки дар он маърӯзаи мухтасари муаллиф, тақризи роҳбари илмӣ ва муқарриз шунида мешавад».

Ба маърӯзаи донишҷӯ чунин талабот гузошта мешавад:

- ҳаҷми маърӯза фарогири 10-12дақиқа зиёд набошад;
- дар маърӯза оид ба муҳимияти мавзӯъ, фишурдаи мундариҷаи бахшу бобҳои он, натиҷаҳои тадқиқ маълумот дода шавад;
- донишҷӯ дар маърӯза бояд аҳамияти назариявию амалии тадқиқотро нишон дода тавонад.
- матни маърӯза дар заминаи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва услуби илмӣ навишта шуда бошад.

Пас аз анҷоми маърӯзаи донишҷӯи хатмкунанда ба ӯ аз ҷониби ҳайати Комиссияи аттестатсионии давлатӣ савол дода мешавад. Ҷавобҳои муаллифи рисола бояд қонеъкунанда ва мушаххас бошад.

Сипас, ба донишҷӯ барои ба эродҳои муқарриз ҷавоб гуфтан боз сухан дода мешавад. Дар ин гуна мавридҳо донишҷӯ бо хулосаҳои илмӣ эродҳоро бо назардошти риояи этикет қабул ё рад

менамояд. Зимнан, хулосаҳои роҳбари илмӣ низ шунида шуда, вобаста ба масъалаҳои норавшан донишҷӯ нуқтаи назари худро баён мекунад. Бояд тазаккур дод, ки дар ҷараёни саволу ҷавоб, баррасии тақризҳо ва ҷавоби муаллифи рисола ташкили баҳси илмӣ имконпазир мебошад. Дар чунин ҳолатҳо раиси Комиссияи аттестатсионӣ вазифадор аст, ки барои пешгирӣ аз зуҳуроти берун аз одоби илмӣ ва баҳси доманадор тадбирҳо меандешад.

Барои ҳимояи рисолаи тахассусии хатми бакалавр то 20 дақиқа, кори дипломии мутахассис то 30 дақиқа (барои 2 нафар 1 соат) ва барои дифои рисолаи магистрӣ то 45 дақиқа вақт муқаррар карда шудааст.

Рафти баргузории дифои рисолаҳо дар протоколи комиссия дарҷ мегардад, ки нусхаҳои он дар Раёсати таълим ва садорати факултет худи ҳамон рӯз бо сабти имзоҳои аъзои комиссия супорида мешавад.

## 17. Баҳодиҳӣ ба рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)

Натиҷаи ҳимояи рисола дар ҷаласаи пӯшидаи Комиссияи аттестатсионии давлатӣ пас аз анҷоми ҳимоя мавриди муҳокима қарор гирифта, бо райъдиҳии оддӣ, бо бештари овозҳои аъзои комиссия, ки бевосита дар ҷаласа ширкат доштанд, арзёбӣ мешавад.

Дар баҳодиҳӣ ба рисолаи донишҷӯ нақши хулосаҳои роҳбари илмӣ ва муқарризи беруна муҳим ва ҳалкунанда мебошад. Баромади муаллиф, сифати маърӯзаи ӯ низ ба баҳодиҳӣ таъсири мусбат ё манфӣ расонида метавонад. Комиссия зимни гузоштани баҳои ҷамъбастӣ мақолаҳои нашршудаи муаллиф, гувоҳномаи муаллифӣ (патент), тақризи кормандони соҳибтаҷрибаи соҳаи илм ва таҳсилот, ки ба мавзӯи таҳқиқ алоқамандӣ доранд, низ ба инобат мегирад.

Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) дар асоси меъёрҳои зерин баррасӣ мегардад, ки онҳо бо пешниҳоди кафедраи пешбар дар Шӯрои олимони факултет тасдиқ шудааст. Пешниҳодҳо дар Низомномаи соҳа ба таври мушаххас чунин зикр ёфтаанд:

- асоснокии муҳимияти мавзӯъ;
- мувофиқати мундариҷа бо мавзӯъ;
- таҳлили пурраи масъалаҳои мавзӯъ;
- дақиқ будани сохтор ва мантиқи баёни матлаб;
- асоснокии методологии таҳқиқот;
- риояи талабот ба ҳаҷми рисолаи дипломӣ (хатм)
- таҳлили адабиёти илмии ба мавзӯъ алоқаманд;
- риояи услуби илмӣ дар матни рисола;
- риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар таҳияи матни рисола;
- мувофиқати шакли рисола ба меъёрҳои мавҷудаи техникӣ ва ороиши корҳои илмӣ;
- таҳлил ва муқоисаи масъалаҳои назариявӣ;

- таҳлил ва ҷамъбасти маводи ҷамъоваришуда;
- асоснокӣ ва аниқии тавсияи хулосаю ҷамъбасткуниҳо,
- мундариҷаи хулосаҳои роҳбари илмӣ;
- мундариҷаи тақризи беруна;
- сифати маърӯзаи шифоҳӣ дар ҷаласаи дифоъ;
- аниқӣ, дақиқӣ, саҳеҳӣ ва мушаххасии ҷавобҳои рисоланавис ба саволҳои гузошташуда, эродҳо ва тавсияҳое, ки нисбат ба сифати рисола аз тарафи аъзои комиссия ва муқарриз баён гардидааст.

Ҳимояи рисола бо гузоштани баҳоҳои «аъло», «хуб», «қаноатбахш», «ғайриқаноатбахш» ҷамъбаст мегардад, ки он пас аз анҷоми ҷаласаи пӯшидаи КАД худи ҳамон рӯз бетаъхир мутобиқи тартиботи муқарраршуда аз ҷониби раиси КАД эълон карда мешавад. Натиҷаи дифои рисола дар суратҷаласаи кории комиссия дарҷ меёбад. Баҳои рисолаи дипломӣ (хатм) дар ҷамъбасти ҳимоя ба дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ гузаронида мешавад.

Дар асоси натиҷаи ҳимояи рисола ба донишҷӯ оид ба додани тахассус аз рӯи равия ва ихтисос ва супоридани дипломи таҳсилоти олии касбӣ қарор қабул карда мешавад.

Ба донишҷӯёне, ки рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) -ро бо баҳои хубу аъло дифоъ намуда, қобилияти пешбурди фаъолияти илмиро доранд, аз ӯҳдаи иншои рисолаҳои нисбатан мураккабтар низ баромада метавонанд, ҷиҳати идомаи таҳсил дар магистратураи Донишгоҳ ва магистрҳоро барои идомаи таҳсил дар аспирантурав ва ё идомаи таҳсил дар зинаи докторантура (доктори фалсафа –PhD, доктори PhD аз рӯи ихтисос) тавсияҳои зурурӣ дода мешавад, ки он дар суратҷаласаи фаъолияти комиссия ва дар дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ дарҷ меёбад.

Ба донишҷӯёне, ки дар ҳимояи рисола баҳои «ғайриқаноат-бахш» гирифтаанд, маълумотномаи академии дар Донишгоҳ муқараргардида дода мешавад.

Комиссияи аттестатсионии давлатӣ шикоятҳои аппелятсиони-ро доир ба натиҷаҳои ҳимояи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) мавриди баррасӣ қарор намедиҳад.

## 18. Нигоҳдорӣ ва ҳифзи рисолаҳои хатм (рисолаи дипломӣ)

Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)-и ҳиммояшуда дар кафедраи пешбари Донишгоҳ, ки мавзӯи рисоларо пешниҳод кардааст ва ҷиҳати омодагии он саҳм гирифтааст, ба муддати то 3 сол маҳфуз мемонад. Муаллиф ҳуқуқ дорад, ки онро нусхабардорӣ намояд. Пас аз анҷоми мӯҳлати таъиншуда мудири кафедра рисолаҳоро ба рӯйхат гирифта, ҷиҳати ба китобхонаи Донишгоҳ супоридани онҳо бояд санад тартиб диҳад. Мудири китобхона мутобиқи санад рисолаҳои

хатм (рисолаи дипломӣ) -ро қабул карда, онҳоро ба картотекаи китобхонаи Донишгоҳ ва сайти китобхона ворид менамояд.

Бо дархости омӯзгорон ва донишҷӯён рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) барои мутолиа ба мӯҳлати муайян дода мешавад.

Дар китобхона нигоҳдорӣ шудани рисолаҳо ба мудирони кафедраҳо ва роҳбароони илмии бакалавру мутахассис ва магистрҳо имкон медиҳад, ки онҳо мунтазам бо рӯйхати корҳои дифоъшуда шинос

гардида, ба зуҳуроти такрор ёфтани мавзӯъҳо роҳ надиҳанд, ҳодисаи номатлуби рӯбардоркунӣ (плагиат)- ро пешгирӣ намоянд.

## Хулоса

Тавсияҳои методии мазкур барои доираи васеи омӯзгорону донишҷӯён, ки майли ба фаъолияти илмӣ шуғл варзиданро доранд, таълиф шудааст. Ҳаводорони корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки нияти таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)-ро доранд, тавсияҳои методии мазкурро ба ҳайси як дастури роҳнамо истифода карда метавонанд. Он ба талаботи методологӣ ва асноди меъёрӣ мутобиқат мекунад. Дар дастур тартиби пешниҳоди мавзӯъ, вазифаҳои роҳбари илмӣ ва мудири кафедра, вазифаҳои донишҷӯ, усули кор бо адабиёт, ҷамъовари мавод, сохтор ва таркиби рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ), тарзи пешниҳоди рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ба роҳбари илмӣ ва мудири кафедра, масъуляти донишҷӯ дар пешдифоъ ва дифои рисола, ҷараёни дифоъ ва баҳодиҳӣ ба рисолаи хатм ва амсоли инҳо маълумотҳои саҳеҳ ва санҷидашударо дарёфт карда метавонад.

## Феҳристи адабиёт:


1. Мактаби олӣ. Қисми аввал. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ. - Душанбе: ИТЭС, 2007, 526 саҳ.
2. Мактаби олӣ. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ. - Душанбе: ҶДММ «Шинос», 2009, 360 саҳ.
3. Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,-Душанбе,2013, 154 саҳ.
4. Низомномаҳои сохторҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, - Душанбе, 2012, 257 саҳ.
5. Низомнома оид ба тарзи таҳияи кори курсӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2013
6. Стандарти давлатии таълими таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Вазири маорифи Ҷуҳурии Тоҷикистон аз 19.06.2006, № 372.
7. Тавзеҳи фанҳои таълимии блокҳои якум ва дуюми нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе , 2006.
8. Тартиби ягонаи қабули санҷишу имтиҳонот дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе , 2011.

**Замима№1**

**Намунаи ариза барои донишҷӯёне, рисолаи дипломӣ (хатм) менависанд:**

Ба мудири кафедраи_______________
Профессор(дотсент)_______________
__________________________________
аз номи донишҷӯи курси___________
ихтисоси__________________________
факултети _________________________
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ
__________________________________
(Насаб ва номи пурра)

## Ариза

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки барои ба ман дар мавзӯи ________________________________________________
таҳти роҳбарии профессор(дотсент)______________________________
навиштани рисолаи дипломӣ (рисолаи хатм) иҷозат диҳед.

Таърихи рӯз____________

_________________________________________________________________
( Имзо, ном ва насаби донишҷӯ)

**Замимаи №2**

**Намунаи варақаи унвони корҳои дипломӣ (рисолаи хатм)**

**Вазорати Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

Факултети____________________________
Кафедраи______________________________

**Рисолаи хатм**
**Рисолаи дипломӣ**

**Мавзӯъ**:_______________________________________________________
_____________________________________________________________

Донишҷӯи курси _______________________
Ихтисоси_________________________________
______________________________________

(Насаб ва номи донишҷӯ пурра)
Роҳбари илмӣ – доктори (номзади)
илмҳои___________________________________
Профессор (дотсент)______________________

**Душанбе - 2013**

**Замимаи №3**

**Намунаи сабтҳое, ки доир ба пешниҳоди рисолаи дипломӣ(хатм) аз тарафи донишҷӯ ба роҳбари илмӣ, мудири кафедра, барои пешдифоъ ва ҷиҳати дифоъ ба КАД пешниҳод карда мешавад:**

**рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) дар мавзӯи**________________________
____________________________________________________________________

**Аз тарафи донишҷӯ**________________________________________________
**Санаи**__________________ба роҳбари илмӣ супорида шуд.
Имзои роҳбари илмӣ _____________________________________________
**Рисола пас аз таҳрири роҳбари илмӣ ба кафедра санаи** ______________
______________________ супорида шуд.
Имзои мудири кафедра_____________________________________________
Имзои донишҷӯ _________________________________________________

**Натиҷаи пешдифоъ дар кафедра** ____________________________________
____________________________________________________________________
**Хулосаи мудири кафедра оид ба натиҷаи пешдифоъ** __________________
____________________________________________________________________

Имзои мудири кафедра ____________________________________________

**Рисола ба ҳимоя тавсия дода шуд:**__________________________________

Имзои роҳбари илмӣ_______________________________________________

Имзои мудири кафедра_____________________________________________

**Таърихи рӯз**___________________________________________________

**Душанбе - 2013**

Замимаи №4

**Намунаи усули таҳияи мундариҷаи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)**

## Мундариҷа


**Муқаддима**________________________________________
**Боби1**.___________________________________________ саҳ. 8 - 21
§1.1.______________________________________________ саҳ. 9 -15
§1.2.______________________________________________ саҳ.16-21
**Боби2**____________________________________________саҳ.22-37
§2.1_______________________________________________ саҳ.22-29
§2.2_______________________________________________ саҳ.30 -37
**Боби3**____________________________________________ саҳ.38-48
§3.1_______________________________________________ саҳ.38-43
§3.2_______________________________________________ саҳ.43-48
**Хулоса**___________________________________________ саҳ.49-50
**Феҳристи адабиёт**__________________________________ саҳ.51-53
**Замимаҳо**_________________________________________ саҳ.54-58

**Замимаи №5**

**Намунаи хулосаҳои роҳбари илмӣ оид ба рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)**

**Мулоҳизаҳо**

Оид ба рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)- и донишҷӯи соли _____
факултети ____________________________________________________
ихтисоси______________________________________________________
______________________________________________________________

(ному насаби донишҷӯ)

дар мавзӯи____________________________________________________

Донишҷӯ__________________________________________ рисолаи дипломӣ (хатм)- ро дар асоси нақшаи тақвимӣ, васоити методӣ ва супоришоти ба ӯ додашуда, ки кафедра тасдиқ кардааст, иҷро намудааст.

Чунин меҳисобам, ки рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) умуман ба талаботи асноди меъёрӣ- ҳуқуқӣ ва дастурҳои методии соҳа ҷавобгӯ буда, он аз дониши амиқ, муфассал ва васеи назаривию амалии рисоланавис дарак медиҳад. Аз омӯзиши рисолаи мазкур бармеояд, ки муаллиф корро мустақилона иншо намуда, ба талаботи сохтор ва таркиби рисолаи илмӣ (хатм, дипломӣ, магистрӣ) риоя кардааст. Матни рисола бо мундариҷаи он мувофиқат мекунад.

Дар асоси омӯхтани адабиёти илмии соҳавӣ, маводи таълимию методӣ, гузаронидани таҳлилҳо, муқоисаву таҷрибаҳо муаллиф ба ҳалли мавзӯи дар наздаш гузошташуда муваффақ шудааст. Мавзӯи рисола то ҳанӯз ба пуррагӣ дар илми муосир баррасӣ нашудааст, бинобар ин интихоби онро дуруст ва актуалӣ ҳисобидан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқ имконият медиҳанд, ки дар натиҷаи татбиқи мавзӯъ дар истеҳсолот дигаргунии сифатӣ ва миқдории мусбат ба амал меояд.

Дар рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) феҳристи адабиёти истифодашуда мавҷуд аст, ки он пурра ва тибқи тартиби муқарраргардида таҳия шудааст. Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)-и мазкур кори мантиқан ба анҷом расида буда, дар ҳамин асос аз Шумо хоҳишмандам, ки онро барои ҳимоя иҷозат дода, ҷиҳати гирифтани тақризи беруна пешниҳод намоед.

**Роҳбари илмӣ** __________________________________________

«______»____________соли 2013

**Замимаи №6**

## Тақриз

ба рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) и донишҷӯи курси 4-уми факултети математика, ихтисоси математика- Ғафуров Ҳасан Ҳалимович дар мавзӯи «Методикаи омӯзиши муодилаҳо аз фанни алгебра дар синфи IX»

Рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) -и Ғафуров Ҳасан Ҳалимович доир ба усулҳои гуногуни ҳалли муодилаҳо бахшида шуда, он аз муқаддима, ду боб, хулос ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми рисола 48 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

Масъалаи тадқиқи рисолаи ба проблемаи хеле муҳими таълими математикаи мактабӣ бахшида шудааст. Дар он моҳияти тарзҳои гуногун ва беҳтарини ҳалли муодилаҳои яктағирёбанда, инкишофи тафаккури мантиқию математикии хонандагон дар сатҳи зарурӣ инъикос ёфтаанд. Бо мисолҳои мушаххас проблемаҳои муоинашаванда асоснок карда шудаанд, ки барои ба дониши чуқуру фундаменталӣ мусаллаҳ шудани шогирдон мусоидат карда, худи ҷараёни таълимро самаранок ва шавқовар месозанд.

Усулҳои гуногуни ҳалли муодилаҳои муоинашаванда дар рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) оварда шуда, аз онҳо ҳалҳои беҳтарину рационалӣ ҷудо карда шудаанд.

Натиҷагирӣ ва пешниҳодоти рисоланавис ҷолиби диққат буда, бештарини онҳо ҷиҳати беҳтар гардидани таълими алгебра дар синфи 9 мусоидат мекунанд. Масалан, роҳи дуюми ҳалли мисоли дуюми дар параграфи I дар амалия кам ба чашм мерасад, аммо ин тарзи ҳал хонандагонро, бешубҳа, ба тарзи дурусти азхудкунии маводи таълимӣ ҳидоят намуда, малакаву маҳорат ва шавқи хонандагонро нисбат ба фанни алгебра таҳким мебахшад. Тарзи якуми ҳалли мисоли сеюми ҳамин параграф низ ба мавзӯъ мувофиқ интихоб шудааст. Дар рисола барои таваҷҷӯҳи хонандагонро ба худ ҷалб кардан муаллиф усулҳои зарурии таълимро пешниҳод кардааст. Махсусан, таҳлили схемавии мисоли чоруми ин параграф ба хонанда имкон медиҳад, ки ӯ бе ягон душворӣ тарзи дуруст ва ба худ маъқули ҳалро интихоб кунад. Хулоса ва мулоҳизаҳои дар ин параграф барои ҳалли муодилаҳои дараҷаи олӣ овардашуда, маҳорати ба ҳамзарбҳои хаттӣ ҷудо намуда, ҳал кардани онҳоро дар хонанда ташаккул медиҳад.

Бо вуҷуди ин, рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) аз камбудӣ холӣ нест. Баъзе ғалатҳои имлоӣ ва грамматикию услубӣ дар саҳифаҳои 1, 4, 6, 8, 4, 23, 34 ба назар мерасанд. Новобаста аз камбудӣ ва эродҳои зикрдоштаи мо, ки дар ҳошияи рисола ишора шудааст, муаллифи он сазовори баҳои баланд буда, ба ӯ пас аз дифои кор дараҷаи мутахассис аз рӯи ихтисоси математика- физика додан мумкин аст

Муқарриз,

Номзади илмҳои физика-математика, дотсент Ҳасанов Б.

**Замимаи №7**

**Намунаи таҳияи феҳристи адабиёт**

Феҳристи адабиёт


1. Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 12. Луғати ниммтафсилӣ барои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1975. -363 с.
2. Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 13.- Душанбе: Ирфон, 1978. -432 с.
3. Алимӣ Ч. Топонимика.- Душанбе, 1995. -43 с.
4. Андреев М.С Таджики долины Хуф, вып.1.- Сталинобод,1958.-27с.
5. Бердиев Б. Ромитские говоры таджикского языка. //Автореф. на соиск. канд. фил. наук.- Душанбе,1979. -22 с.
6. Бурҳонова Ҳ. Оид ба лексикаи кулолӣ. //Забоншиносии точик, -Душанбе: Дониш,1984, с. 46- 47.
7. Вазирова Х. Калимаҳои арабӣ дар таркиби лексикаи Ванҷ Забоншиносии тоҷик.- Душанбе: Дониш, 1976, с.122-126.
8. Ғаффоров Р. Калимаҳои антонимӣ ва хусусиятҳои онҳо. Мактаби Советӣ, 1977, №2, с. 25-27.
9. Ғаффоров Р Шеваи ҷануби забони тоҷикӣ,ҷилди 3.- Душанбе: Дониш, 1979. -271 с.
10. Забони адабии ҳозираи тоҷик, қ.1. Лексикология, фонетика ва морфология, китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ.- Душанбе: Ирфон, 1973. -451 с.
11. Зайниддинова З. Терминҳои « падар » ва « модар » дар шеваҳои Ленинободу Конибодом.Масъалаҳои шевашиносии тоҷик, ҷ. 1.- Душанбе: Дониш, 1970, с.189-191
12. Исмоилов Ш. Баъзе хусусиятҳои лексикаи зарф дар шеваҳои Қаротегин.// Масъалаҳои забони тоҷикӣ, маҷмуаи млмии ИДП ш. Душанбе.- Душанбе, 1978, с. 88-92.
13. Исмоилов Ш. Баъзе масъалаҳои таълими забони тоҷикӣ дар мактаб. – Душанбе, 1994, с. 45- 48.
14. Кабиров Ш. Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ.- Душанбе: Маориф, 1992. -234 с.
15. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. – Душанбе: УДТ, 1967. -185 с.
16. Маҳмудов М., Ҷураев А. Луғати шеваҳои ҷанубӣ (макети ҳарфи Д). -Душанбе: Дониш, 1971. -75 с.
17. Маҳмудов М. Лаҳҷаҳои тоҷикони райони Китоб. - Душанбе: Дониш, 1979. -279 с.
18. Маҷидов Ҳ. Антонимҳои луғавӣ.// Маърифат, №1-2, 2000,с.17-20.
19. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. -Сталинобод, 1959. -277 с.
20. Муҳаммадиев М. Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ. -Душанбе: Маориф, 1975. -245 с.

## Мундарича


| | | |
|---|---|---|
| | Муқаддимма………………………………………… | 3 |
| 1. | Талаботи методологӣ ва аснодию меъёрӣ доир ба таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)…………… | 4 |
| 2. | Мавзӯъҳои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ва талабот ба пешниҳоди онҳо………………………… | 6 |
| 3. | Вазифаҳои роҳбари илмӣ дар таҳияи рисолаи хатм (рисолаи диплом ӣ) ………………………………… | 7 |
| 4. | Вазифа ва ӯҳдадориҳои донишҷӯ зимни иншои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)…………………… | 8 |
| 5. | Вазифаҳои мудири кафедра дар бобати ташкил, таҳия, дифоъ ва ҳифзи рисолаҳои хатм (рисолаҳои дипломӣ)……………………………………………… | 10 |
| 6. | Марҳалаҳои асосии таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)……………………………………………… | 11 |
| 7. | Усулҳои кор бо адабиёт (илмӣ, таълимӣ ва методӣ) ва ҷамъоварии мавод……………………………… | 13 |
| 8. | Талабот ба ҳаҷми рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) | 16 |
| 9. | Сохтори рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ……….. | 19 |
| 10. | Таркиби рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ва талабот ба таҳияи бахшу бобҳои он……………….. | 21 |
| 11. | Талабот ба навиштани муқаддима ………………… | 21 |
| 12. | Талабот ба мундаричаи бобҳо ва фаслҳои рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) …………………………… | 23 |
| 13. | Усули таҳияи хулосаи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)……………………………………………… | 24 |
| 14. | Тарзи таҳияи феҳристи адабиёт…………………… | 24 |
| 15. | Тақриз ба рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) ……… | 25 |
| 16. | Дифои рисолаи дипломӣ (рисолаи хатм)…………… | 26 |
| 17. | Баҳодиҳӣ ба рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ)……. | 27 |
| 18. | Нигоҳдорӣ ва ҳифзи рисолаҳои хатм (рисолаҳои дипломӣ)……………………………………………… | 28 |
| 19. | Хулоса ………………………………………………. | 30 |
| 20. | Феҳристи адабиёт………………………………… | 31 |
| 21. | Замимаҳо…………………………………………… | 32 |

Ба чопаш 14.12.2013 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60х84 1/16. Коғази офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 2,5. Адади нашр 100 нусха
Супориши № 106

Матбаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
хиёбони Рӯдакӣ, 121.